**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Маҳмудов Давлатшоҳ Хайруллоевич дар мавзуи «Саҳми Нусратулло Махсум дар азнавсозиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри ХХ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 -Таърихи ватанӣ). Душанбе, 2025.**

Омӯзиш ва таҳқиқи таърихи Тоҷикистон дар нимаи аввали асри ХХ, ба хусус ҳодисаҳои давоми солҳои 20-ум ва 30-юм аз ҳар ҷиҳат барои халқи тоҷик аҳамияти бузурги таърихию сиёсӣ дорад. Зеро дар ин марҳилаи таърихӣ, бо вуҷуди нуқсонҳои пешомада халқи тоҷик соҳиби ҷумҳурие бо исми этникии худ гардид. Бе шубҳа ин ҳодисаи таърихӣ минбаъд дар бунёди давлати соҳибистиқлоли тоҷик нақши асосӣ гузошт. Албатта дар раванди бунёди ҷумҳурӣ ва барқарору рушди хоҷагии халқ он айём як қатор шахсиятҳое буданд, ки саҳмашон намоён аст. Аммо аз ин миён нақши Нусратулло Махсум, чун роҳбари ҳукумати Тоҷикистон бештар намудор мегардад.

Аз ин нуқтаи назар мавриди пажуҳиши амиқи илмӣ қарор додани хидматҳои Нусратулло Махсум дар ин самт ба нафъи давлату миллат мебошад. Аз ин лиҳоз рисолаи Маҳмудов Давлатшоҳ Хайруллоевич дар мавзуи «Саҳми Нусратулло Махсум дар азнавсозиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри ХХ» аз зумраи чунин таҳқиқотҳо ба шумор меравад.

Дар автореферат мубрамияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, объект, мавзуи таҳқиқот, марҳила, макон ва давраи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва навгониҳои илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявию амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия, мутобиқатии диссертатсия ба шиносномаи илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия дуруст нишон дода шудааст.

Бояд қайд намуд, ки мавзуи таҳқиқотӣ дар таърихнигории ватанӣ то ҳанӯз мавриди пажуҳиш қарор нагирифта буд. Бо назардошти ин, мақсади асосии таҳқиқоти муаллифи диссертатсия аз он иборат аст, ки саҳми Қаҳрамони Тоҷикистон – Нусратулло Махсумро дар раванди азнавсозиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар давоми солҳои 20-ум ва 30-юми асри ХХ дар аз назари илмӣ муайян

намояд. Зимни таҳқиқот воқеан муаллиф тавонистааст, ки мавзуи мазкурро дар асоси манбаъҳои муътамади таърихӣ омӯзад ва ба мақсади дар пешгузошта бирасад.

Ҳамзамон бояд ба инобат гирифт, ки муаллифи диссертатсия Маҳмудов Д. Х., дурустии инъикоси воқеаҳоро ба манбаъои хаттӣ, ёддоштҳои шахсиятҳои сиёсию фарҳангии замон, хотираҳои шифоҳии пайвандони Н. Махсум ва дигар адабиёти зарурӣ муқоиса ва таҳлил намуда хулосаҳои асосноки илмӣ баровардааст.

Се боби диссертатсия дар автореферат дуруст таҳлил ва ифода ёфтааст. Боби якуми диссертатсия «Вазъи сиёсии солҳои 20-уми асри XX ва мавқеи Нусратулло Махсум дар ҳалли масъалаҳои сиёсии Тоҷикистон» ном дошта, он аз 4 зербоб иборат мебошад. Дар боби мазкур зодгоҳ ва фазои сиёсии замони наврасию ҷавонии Н. Махсум, нахустин қадамҳои ӯ дар корҳои ҳизбию давлатӣ, нақши Н. Махсум дар раванди бунёд ва ташаккули Тоҷикистон ҳамчун ҷумҳурии мухтор (с. 1924) ва ҷумҳурии шуравии сотсилаистӣ (с. 1929) баррасӣ шудааст.

Дар боби дуюм, ки «Талошҳои Нусратулло Махсум дар таъмини амният ва танзими раванди муҳоҷират дар Тоҷикистон» унвон дорад, аслан масъалаҳои ҳаракати зиддишуравӣ ва нақши Нусратулло Махсум дар ноил гардидан ба зиндагии осоишта, раванди ба ватан баргардондани фирориёни бурунмарзӣ, нақши Нусратулло Махсум дар ҳалли масъалаҳои муҳоҷирати дохилӣ баррасӣ шудааст.

Боби сеюми диссертатсия бошад «Саҳми Нусратулло Махсум дар азнавсозиҳои иқтисодию иҷтимоии Тоҷикистон ва раванди ҳодисаҳои сиёсии солҳои 30-юми асри XX» ном дошта, ба се зербоб ҷудо шудааст. Дар ин боб бештар масъалаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар давоми солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX таҳлил гардидааст. Аз ҷумла, нақши Н. Махсум дар инкишофи саноат ва роҳсозӣ, рушди фарҳанг ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, инчунин ҳаёти Нусратулло Махсум дар раванди ҳодисаҳои сиёсии солҳои 30 ва фарҷоми сарнавишти фоҷиабори ӯ тадқиқ гардидааст.

Дар диссертатсия дақиқ карда мешавад, ки бо роҳҳои сохтаю бофта аз ҷониби афроди алоҳида шуруъ аз соли 1933 зиндагиномаи Н. Махсум чун думрави буржуазияи хориҷӣ ва мухолифи сохтори шуравӣ зери шубҳа қарор дода мешавад. Оқибат дар ҷараёни таъқиботи солҳои сиюм Нусратулло Махсум ба ҷазои аз ҳама сангин – ҳукми қатл маҳкум мешавад.

Дар хулоса пешниҳоду тавсияҳои муаллиф ҷиҳати саҳми Нусратулло Махсум дар раванди дигаргуниҳои сиёсӣ, иқтисодию

иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои 20 – 30-юми асри ХХ баҳри дар оянда давом додани омӯзиш дар ин самт оварда шудаанд.

Автореферат, ки аслан бо забони тоҷикист тарҷумаи он бо русӣ низ илман дуруст тарҷума ва ҷобаҷо шудааст.

Дар маҷмуъ, ба автореферати диссертатсияи Маҳмудов Давлатшоҳ Хайруллоевич дар мавзуи «Саҳми Нусратулло Махсум дар азнавсозиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри ХХ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 - Таърихи ватанӣ) ба ҳама меъёрҳои муқарраршудаи илмӣ ҷавобгӯй мебошад.

**Муқарриз номзади илмҳои таърих,**
**Мудири кафедраи санъатшиносии ДДСТДТ** **Ёғибекова Б.Т**

**Тасдиқ мекунам,**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси**
**ДДСТДТ** **Сайдалиев О.И**

ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроға. ДДСТДТ,
ш. Душанбе, х. Айнӣ, 31
Тел. 227-58-77

«17» ___11___ с. 2025